Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-100
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш.
Душанбе, х. Борбад 48/5

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит**

Дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ ва рақобати афзоянда дар бозори молиявӣ, масъалаи баланд бардоштани самаранокии идоракунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аҳамияти махсус пайдо менамояд. Дар ин замина татбиқи механизмҳои муосири идоракунӣ, аз ҷумла низоми контроллинг, ҳамчун воситаи муҳими ҳамоҳангсозии равандҳои банақшагирӣ, назорат ва таҳлил дар фаъолияти бонкӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Барнои Файзи Тағоймуродзода, ки ба масъалаҳои таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ бахшида шудааст, дорои аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ мебошад.

Мухтавои автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва ташкилии контроллинг дар низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст. Дар раванди таҳқиқот нақш ва ҷойгоҳи контроллинг дар низоми идоракунии бонкҳо муайян гардида, робитаи функсионалии он бо баҳисобгирии идоракунӣ таҳлил ва асоснок карда шудааст. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун зернизоми контроллинг фаъолият намояд, зеро ҳар ду низом масъалаҳои ҳамсонро дар самти таъмини иттилоотӣ ва дастгирии қарорҳои идоракунӣ фаро мегиранд.

Дар доираи таҳқиқот модели схемавии равандҳои муайянсозӣ, татбиқ, мониторинг ва арзёбии ҳадафҳои стратегӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ таҳия гардидааст. Хусусияти муҳими ин модел дар ҳамгироии функсионалии низомҳои контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ ифода ёфта, он имконият

медиҳад, ки идоракунии стратегӣ ва назорати иҷрои ҳадафҳо дар асоси маълумоти воқеии ҳисоботӣ ва нишондиҳандаҳои самаранокӣ амалӣ гардонида шавад. Ин равиш дар шароите, ки низомҳои таҳлилӣ ва назоратӣ дар аксари бонкҳои ватанӣ то ҳол ба таври кофӣ ҳамоҳанг нашудаанд, дорои аҳамияти назаррас мебошад.

Ҳамчунин дар натиҷаи таҳқиқот механизми ҳамгироии низоми контроллинг бо воҳидҳои сохтории бонкҳои тиҷоратӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф тавассути таҳлили нуқтаҳои мушкилотдоштаи фаъолияти бонкҳо объектҳои контроллинг ва нишондиҳандаҳои марбутаи онро муайян намуда, заминаи методиро барои назорат ва идоракунии раванди ноилшавӣ ба ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати бонкҳо пешниҳод менамояд.

Дар диссертатсия инчунин методҳои мавҷудаи контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил гардида, роҳҳои такмили онҳо тавассути истифодаи технологияҳои муосири таҳлилӣ ва ҳисоботдиҳӣ пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, такмили фаъолияти контроллинг тавассути истифодаи ҳисоботҳои махсус бо мақсади танзими дараҷаи хавфҳои қарзӣ, бозорӣ, амалиётӣ, пардохтпазирӣ, комплаенсӣ ва хавфи иҷро нагардидани меъёрҳои ҳатмии Бонки миллии Тоҷикистон асоснок гардидааст.

Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар такмили низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо ва таҳкими рақобатпазирӣ дар бозори молиявӣ истифода бурда шаванд.

Бо вуҷуди дастовардҳои илмии зикршуда, барои боз ҳам такмил додани таҳқиқот мувофиқи мақсад мебуд, агар:

1. Дар баъзе мавридҳо баҳодиҳии миқдории самараи иқтисодии татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда пурратар инъикос мегардид.

2. Дар баъзе бахшҳои автореферат истифодаи манбаъҳо маҳдуд ба назар мерасад ва такмили онҳо бо манбаъҳои замонавӣ ва актуалӣ метавонад таҳқиқотро бо тасвири пурраи равандҳои илмӣ таъмин намояд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» ба талаботи муқаррароти амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити**
**ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **Зияев Б.**

**Имзои Зияев Б.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **Қодирзода С.**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj "13" марти 2026 с.